Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

*Банӣ одам аъзои якдигаранд!*

# Овози тоҷик

10 июни соли 2026 Чоршанбе № 46 (15265)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## БАРРАСИИ ЧОРАҲОИ ТАТБИҚИ ВАСЕИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ РАҚАМӢ ДАР СОҲАИ САНОАТИ КӮҲКОРӢ ВА ГЕОЛОГИЯ

**Президент Шавкат Мирзиёев бо тақдимот аз рӯйи ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ дар соҳаи саноати кӯҳкорӣ ва геология шинос шуд.**

Соҳаи саноати кӯҳкорӣ ва геология дар иқтисодиёти мамлакат мавқеи муҳим дорад. Соли 2025 дар маҷмӯъ 20 фоизи ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ ба ҳиссаи корхонаҳои ин соҳа рост омадааст. Даромади онҳо ба буҷет 118,5 триллион сӯмро ташкил намудааст.

Аз ин рӯ, трансформатсияи технологии соҳа, истифодаи босамари захираҳои истеҳсолӣ ва меҳнатӣ, татбиқсозии васеи роҳҳои ҳалли муосири рақамӣ дар таъмини амнияти иқтисодӣ, ҷалби бештари сармоя ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ аҳамияти стратегӣ дорад.

Дар ҷаҳон консепсияҳои «рушди устувор» ва «геологияи рақамӣ» босуръат рушд мекунанд. Дар мамлакат низ дар ин самт корҳои муайян амалӣ гардидаанд. Бахусус, соли 2025 дар корхонаҳои бузурги саноати кӯҳкорӣ 7,3 триллион сӯм хароҷоти амалиётӣ сарфа гардида, арзиши аслии маҳсулот 9,1 фоиз камтар шудааст.

Инчунин, низоми иттилоотии «Геомониторинг» ҷорӣ гардида, маълумоти беш аз 2 ҳазор қитъаи конҳо рақамӣ гардонида шудааст.

Гуфта шуд, ки аз рӯйи дар панҷ соли оянда зиёд намудани захираи тилло ба андозаи иловагии 879 тонна, нуқра – 510 тонна ва мис – 676 ҳазор тонна корҳо оғоз шудаанд.

Технологияҳои зеҳни сунъӣ барои таҳлили фаврии маълумоти геологӣ, пешгӯии сарватҳои зеризаминӣ, дақиқ ҳисоб кардани захираҳо ва афзунсозии самаранокии корҳои пармакунӣ имконият фароҳам оварданд. Бо ин мақсад татбиқсозии зеҳни сунъӣ дар тамоми марҳилаҳои корҳои геологиву ҷустуҷӯӣ ба нақша гирифта шудааст.

Президент зарурати ба марҳилаи нав баровардани трансформатсияи технологӣ дар соҳа, ташаккули низоми идора ва таҳлили равандҳои истеҳсолӣ тавассути зеҳни сунъиро таъкид кард.

Дар соҳаи кӯҳкорӣ ва геология маълумоти бениҳоят бузургҳаҷм, чун харитаҳо, натиҷаҳои ҷустуҷӯ, маълумоти пармакунӣ, таҳлилҳои лабораторӣ ва нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ ташаккул меёбанд. Ҷамъоварии онҳо дар пойгоҳи ягонаи электронӣ, ҷустуҷӯи фаврӣ ва таҳлил тавассути моделҳои 3D имконияти кашфи конҳои навро бештар менамояд.

Гуфта шуд, ки дар натиҷаи ин ҳама 10 фоиз кам кардани арзиши аслии маҳсулот, 2 баробар кӯтоҳ намудани муҳлати кашфи конҳои нав ва 4 баробар зиёд кардани шумораи пешниҳодҳо, ки ба сармоягузорон тақдим мегарданд, имконпазир хоҳад шуд.

Дар муаррифӣ таъкид гардид, ки то соли 2030 ҷалби беш аз 30 миллиард доллар сармоя ба соҳаи геология ва саноати кӯҳкорӣ чун ҳадаф муайян карда шудааст. Барои ин, пеш аз ҳама, ташаккули пойгоҳи маълумоти рақамии босифат ва боэътимод, ки сармоягузорон талаб мекунанд, зарур мебошад.

Дар робита ба ин, таъсис додани Пойгоҳи миллии маълумоти геологӣ пешниҳод гардид. Дар ин раванд «Маркази трансформатсияи технологӣ» таъсис ёфта, беш аз 36 ҳазор ҳисобот ва маълумоти ибтидоии мавҷуда ба шакли рақамӣ гузаронида мешаванд. Дар натиҷа, раванди ташаккули маълумоти геологӣ, моделсозии конҳо ва ҳисоб кардани захираҳо 2 баробар суръат мегирад.

Дар тақдимот дар бораи нақшаҳои татбиқсозии ҷамъ 44 лоиҳа бинобар ҷорӣ намудани зеҳни сунъӣ ва технологияҳои рақамӣ дар соҳаи геология ва 6 корхонаи бузург – «Навоий конметаллургия комбинати», «Олмалиқ кон-металлургия комбинати», «Навоийуран», «Ӯзметкомбинат», «Ӯзбеккӯмир» ва «Ӯзбекистон технологик металлар комбинати» тӯли солҳои 2026–2030 маълумот дода шуд.

Ин лоиҳаҳо панҷ самти асосиро фаро мегиранд: автоматикунонии равандҳои истеҳсолӣ, рақамисозии идоракунии корпоративӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои зеҳни сунъӣ, таъмини амнияти меҳнат ва саноат, инчунин трансформатсияи рақамии корҳои кӯҳкорӣ ва геологӣ.

Дар натиҷаи татбиқсозии лоиҳаҳо самарадории амалиётӣ 7 фоиз, эътимоднокии техника ва таҷҳизот 20 фоиз ва самарабахшии энергия 8 фоиз афзоиш хоҳад ёфт. Ҳамчунин хатову хатарҳое, ки ба омили инсонӣ вобастаанд, метавонанд 15 фоиз кам шаванд.

Зарурати дар оянда патент кардани ин роҳҳои ҳал низ таъкид гардид.

Ба масъулон супориш шуд, ки ҳангоми таҳияи нақшаҳои тиҷоратии корхонаҳои саноати кӯҳкорӣ чораҳои баланд бардоштани самаранокии захираҳои истеҳсолӣ ва меҳнатиро дохил карда, оид ба лоиҳаҳои технологӣ ва зеҳни сунъӣ барномаҳои алоҳидаро тасдиқ намоянд.

**ӮзА.**

## ОМОДАГӢ БА ФОРУМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САРМОЯГУЗОРИИ ТОШКАНД БАРРАСӢ ШУД

**Ба Президент Шавкат Мирзиёев дар бораи омодагӣ ба Форуми навбатии байналмилалии сармоягузории Тошканд ахборот пешниҳод гардид.**

Ин форум бобати муаррифии васеи иқтидори сармоягузории мамлакат, ташаккул ва пешбурди лоиҳаҳои мутақобилан судманд бо шарикони хориҷӣ ба майдони муҳими байналмилалӣ табдил ёфтааст.

Дар нахустин форум, ки соли 2022 баргузор шуда буд, беш аз ҳазор меҳмони хориҷӣ аз 56 мамлакат иштирок карда буданд. Дар панҷумин Форуми байналмилалии сармоягузории Тошканд, ки 16-18 июни соли ҷорӣ доир мегардад, иштироки беш аз 8 ҳазор нафар иштирокдор аз 99 давлат, аз ҷумла қариб 3,1 ҳазор меҳмони хориҷӣ дар назар аст.

Дар байни даъватшудагон роҳбарон ва намояндагони ҳукуматҳои кишварҳои хориҷӣ, институтҳои бонуфузи байналмилалии молиявӣ, ширкатҳои бузург, фондҳои сармоягузорӣ ва вакилони доираҳои соҳибкорӣ ҳузур доранд.

Дар муаррифӣ дар бораи барномаи форум ва чорабиниҳое, ки дар доираи он баргузор мешаванд, маълумот дода шуд. Бахусус, ҷамъомади умумӣ, мулоқотҳои дуҷониба, муаррифии шабака ва минтақаҳо, маросими имзои созишномаҳои сармоягузорӣ ва мулоқотҳои соҳибкорон гузаронида мешавад.

Дар намоишгоҳи муаррифии иқтидори сармоягузории Ӯзбекистон намоиши имкониятҳои соҳаҳои кишоварзӣ, саноати сабук, геология, саноати электротехникӣ, мошинсозӣ, саноати кимиё, энергетика, зеҳни сунъӣ ва технологияҳои иттилоотӣ ба нақша гирифта шудааст.

Дар доираи форум ҷамъомади навбатии умумии Шӯрои сармоягузорони хориҷии назди Президент низ баргузор хоҳад шуд. Дар он масъалаҳои минбаъд беҳтар намудани муҳити сармоягузории мамлакат, суръат бахшидан ба рушди саноативу технологӣ ва инноватсионӣ, фароҳам овардани шароити боз ҳам мусоид барои бахши хусусӣ ва сармоягузорони байналмилалӣ муҳокима мешаванд.

Дар форуми имсола низ имзои маҷмӯи бузурги созишномаҳои сармоягузорӣ ба нақша гирифта шудааст. Алҳол корҳои ташаккули лоиҳаҳои нав босуръат идома доранд.

Созишномаҳое, ки таҳия мегарданд, самтҳои муҳим, чун саноати кимиё, геология ва металлургия, саноати сабук, электротехника ва мошинсозӣ, дорусозӣ, кишоварзӣ, масолеҳи сохтмон, энергетика ва экология, технологияҳои рақамӣ, сохтмон ва инфрасохтор, бонку молия, нақлиёту логистика, сайёҳӣ ва таълимро фаро мегиранд.

Татбиқсозии ин лоиҳаҳо ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, истеҳсоли маҳсулоти дорои арзиши баланди иловашуда, афзунсозии иқтидори содиротӣ, навсозии инфрасохтор ва беҳтар намудани ҷолибияти сармоягузории минтақаҳо мусоидат хоҳад кард.

Роҳбари давлат таъкид кард, ки дар сатҳи баланди ташкилӣ баргузор намудани форум ва тавассути лоиҳаҳои мушаххас муаррифӣ кардани иқтидори сармоягузории ҳар як шабака ва минтақа муҳим аст.

Ба масъулон супориш дода шуд, ки қабули меҳмонони хориҷӣ, ташкили босифати барномаи чорабиниҳо, муайян намудани механизмҳои дақиқи иҷрои созишномаҳои имзошаванда ва мониторинги мунтазами онҳо баъд аз форумро таъмин намоянд.

**ӮзА.**

## СОДИРОТИ МЕВАЮ САБЗАВОТ ИДОМА ДОРАД

***Дар Тӯрақӯрғон равандҳои содироти меваю сабзавот идома доранд. Имсол ноҳия, ки дар иқтидори содиротии вилоят мақоми босазо дорад, маҳсулотро ба маблағи умумии 164 миллиону 470 ҳазор доллар содир мекунад.***

*Меваҳои парваришёфта дар Русия, кишварҳои Аврупо, Аморати Муттаҳидаи Араб, Қатар ва мамлакатҳои ИДМ талаботи баланд доранд.*

*Дар ноҳия дар масоҳати умумии 4836 гектар дарахт парвариш ёфта, 45,2 ҳазор тонна мева – 10, 4 ҳазор тонна гелос, 4,7 тонна зардолу, 5,6 тонна ангур ҷамъоварӣ мешавад. Зиёда аз 19 ҳазор тонна маҳсулот барои нигоҳдорӣ ба 24 анбори яхдон ҷойгир карда мешавад.*

*То имрӯз 8224 тонна маҳсулот содир карда шудааст ва нишондиҳандаи банақшагирифташуда ба 12 миллиону 353 ҳазор доллар расидааст.*

*Ҳоло дар боғҳо мавсими ҷамъоварии шафтолу босуръат идома дорад. Дар хонаводаи маҳаллаҳо, аз ҷумла, дар боғҳои интенсивии «Gold Fresh Fruits» ва «GFF Langar» меваҳои пухтаро чида, дар анборҳои яхдон нигоҳ медоранд ва сипас ба харидорони хориҷӣ фиристода мешаванд. То имрӯз корхонаи «Gold Fresh Fruits» беш аз 150 тонна гелос ва зардолуро ба маблағи 380 ҳазор доллар содир кардааст. Ҳоло навъҳои барвақт ва миёнаи шафтолу ҷамъоварӣ карда мешаванд.*

***Шоҳида ДАМИНОВА, мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.***

***Суратгир: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ӮзА).***



## Ислоҳоти фарҳангӣ

***Дар навбати аввал ба моддиёт вобаста будани тарзи ҳаёту зиндагии ҳар як халқ ба ҳамагон маълум аст . Вале дар баробари ин, мафҳумҳои муҳиме чун маънавият ва маърифат ва таъсири мафҳумҳо вуҷуд дорад. Маҳз бо шарофату қудрати маънавият ва маърифат, ки то андозае якдигарро пурра мекунанд, инсон рӯҳан ва қалбан пок мегардад, ба сӯйи камолот майл мекунад, баҳри баланд бардоштани диди эстетикӣ ва зебо гардондани ҷаҳони ботинии худ кӯшишҳо ба харҷ медиҳад.***

***Бузургон гуфтаанд: «Танҳо инсонҳои бамаънӣ ва мусаллаҳ бо асосҳои ирфону маърифат, яъне соҳибхирад, метавонанд ба маънии пурра иродатманд, комил, хушбахт ва соҳиби имону эътиқоди устувор бошанд». Ба ифодаи дигар, воситаи асосӣ ва муассир дар ташаккули ҷаҳони ботинӣ ва камолоти инсонӣ маҳз маънавият ва маърифат мебошад.***

## ОҒОЗИ БОЗ ЯК ҲАРАКАТИ БУЗУРГ

Эътибор ба маънавияту маърифат дар кишвари рӯ ба тараққии мо дар сатҳи сиёсати давлатӣ бардошта шудааст. Яъне роҳбари давлатамон ба масъалаҳои камолоти маънавӣ, баланд бардоштани маърифати халқ ба дараҷаи сиёсати давлатӣ менигарад. Ҳанӯз соли 2017-ум қарори Президент дар бораи афзун гардонидани самарабахшии корҳои маънавию маърифатӣ ва ба дараҷаи нав бардоштани рушди соҳа қабул гардида ва дар он, аз ҷумла, таъкид ёфта буд алъон дар саросари дунё пурзӯршавии ҷараёнҳои глобалӣ алайҳи осудагӣ ва амнияти халқҳо торафт эҳсосшаванда мегардад ва водор месозад инсонҳои соҳибмаърифат ва худогоҳ дар ин ҷабҳа бояд аз маърифати воло ба сифати сипари боэътимод истифода кунанд.

Мо вориси нобиғагони бузургем, ки дар осмони маънавият чун ахтар дурахшида ва китобҳои арзишманд аз худ мерос гузошта, дар рушди тамаддуни ҷаҳонӣ ҳиссаи муносиб ҳамроҳ намудаанд, вале давраҳои мураккабе, ки аз сар гузаронидем, имкон намедод ҳатто номи онҳоеро, ки маънавияти Шарқи исломиро дар замони худ ба дараҷаҳои боло бардоштаанд, озодона ба забон оварем, зеро мафкураи сохтори собиқ ба ин роҳ намегузошт. Маҳз бо шарофати истиқлолияти давлатии ин диёр, ки имсол 35-солагиаш таҷлил мегардад, имконият фароҳам омад аз доми он тамоюлҳо раҳо шуда, худро ба мустақилона фикр рондан, тафаккур ва ҷаҳонбинии шахсиамонро баҳри аз ҳар гуна тазйиқҳои дилфишор озод намудан ҳарҷиҳата омода намоем. Барҳақ мегӯянд, агар фикри инсон аз тазйиқу фишорҳои зӯроварона озод нест, вай ҳеҷ вақт ба таври пурра худро озод ҳис карда наметавонад.

Нахустин нишонаҳои маънавияту маърифат инсонпарварӣ, одамияту хайрандешист. Мо хуб медонем, ки истиқлолият ба халқҳоямон дар навбати аввал Ватани ҳақиқӣ, баробари ҳамин эҳсоси ватанпарастӣ ва худшиносии миллиро ҳадя намуд, мо кӣ будан ва ба чӣ қодир буданамонро дарк сохтем.

Онҳое, ки бо асосҳои маънавият мусаллаҳанд, ба қувва ва салоҳияти худ такя менамоянд. Меҳнат, иродат, иқтидори ақливу зеҳниашон онҳоро аз доми ҳар гуна мушкилот эмин хоҳад дошт. Маҳз маънавият эҳсоси шуҷоат, ғайрат ва тадбиркории халқро ба таҳрик меоварад. Халқи бунёдкор ва зиндагисозамон, ки инро ба дурустӣ идрок сохтааст, саъй мекунад аз рӯҳияи туфайлихӯрӣ ва ҷаҳолат, мутеӣ ва дастнигарӣ раҳо бошад.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

## ҚАДАМИ НАВ БА СӮЙИ ШАРИКИИ ИҚТИСОДӢ

Чун аз дафтари матбуоти вилоят иттилоъ доданд, ҳайати вилояти Ҷиззах дар маросими ифтитоҳи конфронси байналмилалии ҳамкории шаҳрҳои дӯст – 2026, ки дар шаҳри Чунсини Чин баргузор гардид, иштирок намуд. Дар ин ҳамоиши бонуфуз намояндагони 27 кишвари ҷаҳон ҷамъ омада, масъалаҳои муҳими ҳамкориҳои иқтисодӣ, сармоягузорӣ ва фарҳангиро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Таъкид гардид, ки дар Ҷиззах барои рушди соҳибкорӣ, татбиқи лоиҳаҳои саноатӣ ва густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ муҳити мусоид муҳайё гардидааст.

Конфронс ҳамчун майдони муҳими муколама ва табодули таҷриба миёни шаҳрҳои дӯст хидмат намуда, барои таҳкими робитаҳои иқтисодии Ӯзбекистон ва Чин аҳамияти хоса дорад. Чунин мулоқотҳо метавонанд ба таъсиси шарикиҳои нав, татбиқи лоиҳаҳои муштарак ва афзоиши гардиши савдо мусоидат намоянд.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН, хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

# ФЕНОМЕНИ «МУКОЛАМАИ КУШОД»:

## ДАР ТӮЛИ ПАНҶ СОЛ САДОИ СОҲИБКОРОН БА СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ ЧӢ ГУНА ТАЪСИР РАСОНД?



**Ҷамшед ШАРИПОВ, мудири шуъбаи Маркази «Стратегияи тараққиёт»**

Аз соли 2021 дар Ӯзбекистон формати комилан нави сиёсӣ ва иқтисодии муносибатҳои давлат ва соҳибкорӣ ташаккул ёфт. «Муколамаҳои кушод»-и Президент бо соҳибкорон танҳо нишасти расмӣ набуда, балки ба механизми бевосита шунидани мушкилоти муҳити соҳибкорӣ, қабули қарорҳои фаврӣ ва ташаккули ислоҳоти иқтисодӣ дар асоси «эҳтиёҷоти воқеӣ дар маҳалҳо» табдил ёфтанд.

Таҷрибаи панҷ соли охир нишон дод, ки ин муколамаҳо на танҳо як платформаи дастгирии соҳибкорӣ, балки ба механизми муҳими институтсионалии сиёсати иқтисодии Ӯзбекистони Нав табдил ёфтаанд.

Нахустин муколамаи кушод, ки соли 2021 баргузор гардид, дар шароити душвори иқтисодии пас аз пандемия ташкил шуд. Дар он давра зиёда аз 15 ҳазор муроҷиати соҳибкорон ворид гардида буд, ки аз мавҷудияти мушкилоти ҷиддии низомӣ дар бахши соҳибкорӣ шаҳодат медод.

Аз ҳама муҳимаш, бори аввал роҳбари давлат ба соҳибкорон ҳамчун «локомотиви иқтисодиёт» баҳо дода, амалиёти муколамаи мустақим бо онҳоро роҳандозӣ кард. Ин муносибати мақомоти давлатӣ ва соҳибкориро куллан тағйир дод. Агар пештар соҳибкор асосан ҳамчун объекти назорат баррасӣ шуда бошад, акнун ӯ ба неруи асосии рушди иқтисодӣ табдил ёфт.

Дар муколамаи соли 2021 масъалаҳои муҳим, аз ҷумла мӯҳлати қарзҳо, фоизҳои баланд, хавфҳои асъорӣ, санҷишҳои зиёдатӣ ва низоми иҷозатномадиҳӣ матраҳ гардиданд. Дар натиҷа, оид ба зиёд кардани сармояи бонкҳо, фароҳам овардани имкониятҳои васеъ барои бонкҳои хусусӣ ва ҷалби захираҳои молиявии байналмилалӣ механизмҳои нав таҳия шуданд.

То соли 2022 муколамаҳои кушод аллакай ба майдони муҳими муайянкунандаи сиёсати иқтисодӣ табдил ёфта буданд. Дар мулоқоти он сол низоми ҷудо кардани соҳибкорӣ ба гурӯҳҳои хурдтарин (микро), хурд ва миёна ҷорӣ гардид. Ин қарор оғози гузариш аз сиёсати «муносибати якхела» ба низоме буд, ки эҳтиёҷ ва имкониятҳои ҳар як гурӯҳи соҳибкоронро ба назар мегирад.

Аз ҷумла, ҷорӣ шудани андози ягонаи гардиш бо меъёри 4 фоиз барои соҳибкории хурдтарин, коҳиш ёфтани меъёри андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) то 12 фоиз ва бекор шудани 2 триллион сӯм қарзҳои андозӣ барои соҳибкорон сабукии бузург гардид.

Ин тағйирот дар рақамҳо низ равшан инъикос ёфтанд. Соли 2022 шумораи корхонаҳои содироткунанда ба 7,5 ҳазор расид ва ҳаҷми умумии содирот 30 фоиз афзоиш ёфт. Ин нишон дод, ки озодиҳои бештар ва сабукиҳои молиявӣ фаъолияти иқтисодиро тақвият додаанд.

Муколамаи кушоди соли 2023 бошад, марҳилаи нави сиёсати соҳибкориро оғоз кард. Дар суханронии Президент бори аввал баён гардид, ки «дар Ӯзбекистони Нав синфи нави соҳибкорон ташаккул ёфтааст».

Дар ин давра муҳити эътимод байни давлат ва соҳибкорон ба таври назаррас мустаҳкам гардид. Аз ҷумла, шумораи санҷишҳо 40 фоиз коҳиш ёфт, ҷаримаҳои камералӣ бекор карда шуданд ва механизми баргардонидани ААИ хеле суръат гирифт.

Муҳимтар аз ҳама, ташаббусҳое, ки солҳои 2021 ва 2022 пешниҳод шуда буданд, ба натиҷаҳои воқеии иқтисодӣ оварда расониданд. Дар давоми ду сол корхонаҳо ба маблағи 25 миллиард доллар маҳсулот содир намуда, истеҳсоли маҳсулотро ба миқдори 10 миллиард доллар, ки қаблан ворид карда мешуданд, роҳандозӣ карданд.

То соли 2024 муколамаҳои кушод на танҳо воситаи ҳалли мушкилоти соҳибкорӣ, балки механизми стратегии ҳавасмандсозии рушди иқтисодӣ гардиданд. Аз ҷониби Хазинаи байналмилалии асъор тасдиқ шудани он ки ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилии Ӯзбекистон бори аввал аз 100 миллиард доллар гузаштааст, нишонаи муҳими тағйироти иқтисодӣ гардид.

Дар муколамаи соли 2024 тамоюли муҳими дигар низ мушоҳида шуд: давлат эътироф кард, ки зиёд намудани даромадҳои андозиро метавон на тавассути санҷишҳо, балки тавассути дастгирии соҳибкорон таъмин кард. Президент ошкоро таъкид намуд, ки ақидаи кӯҳнаи «тафтиш карда шавад – тарс пайдо мешавад, тарс бошад – андоз пардохта мешавад» худро сафед накард.

Дар натиҷа, шумораи корхонаҳои ба гурӯҳҳои хуби «А» ва «Б» дохилшуда 91 ҳазор адад зиёд гардид ва шумораи санҷишҳои андозӣ ду баробар коҳиш ёфт.

Ҳамзамон, шумораи кормандоне, ки дар бахши хусусӣ зиёда аз 5 миллион сӯм маош мегиранд, аз 1 миллион нафар гузашт.

Муколамаи кушоди соли 2025 бошад, марҳилаи нави рушди иқтисоди рақамӣ ва коҳиши иқтисоди «сояафкан»-ро оғоз намуд. Ба гуфтаи Президент,



дар ҳашт соли охир ба иқтисодиёт 230 миллиард доллар сармоя ҷалб шудааст, ки беш аз 120 миллиард доллари он сармоягузории хориҷӣ мебошад. Рушди иқтисодӣ ба андозаи 7,7 фоиз дар соли 2025 низ самаранокии ислоҳотро нишон дод.

Ҷиҳати аз ҳама ҷолиб он аст, ки муколамаҳои кушод акнун танҳо майдони шунидани мушкилот набуда, балки ба платформаи ташаккули экосистемаи давлати рақамӣ ва тиҷорати рақамӣ табдил меёбанд. Масалан, то соли 2030 ҷорӣ намудани низоми махсуси ҳуқуқӣ барои соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони худмашғул, хизматрасонӣ тавассути платформаҳои электронӣ ва роҳандозии низоми универсалии QR-код пешбинӣ шудааст.

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки аз соли 2021 то имрӯз қариб ҳазор ташаббуси пешниҳодкардаи соҳибкорон дар қонунҳо ва қарорҳо таҷассум ёфтааст. Ин нишон медиҳад, ки муколамаҳои кушод дигар як чорабинии расмӣ набуда, балки ба механизми амалии қабули қарорҳои давлатӣ табдил ёфтаанд.

Хулоса, муколамаҳои кушоди панҷ соли охир муносибатҳои давлат ва соҳибкориро дар Ӯзбекистон ба марҳилаи тамоман нав баровარданд. Соҳибкор акнун на танҳо андозсупоранда, балки субъекти муҳими иштироккунанда дар ташаккули сиёсати иқтисодӣ гардидааст.

Муҳимтар аз ҳама, ин муколамаҳо нишон доданд, ки иқтисодиётро метавон на аз утоқҳои корӣ, балки дар асоси эҳтиёҷоти воқеии бозор идора кард. Ин далели он аст, ки дар модели иқтисодии Ӯзбекистони Нав садои соҳибкорон аҳамияти ҳалкунанда пайдо карда истодааст.

---

*Мувофиқи Қарори Президент аз 4 апрели соли 2022 бо иштироки Бонки рушди Осиё дар вилояти Сурхондарё лоиҳаи таҷдиду навсозии роҳҳои дорои аҳамияти байналхалқӣ зина ба зина амалӣ мегардад.*

# РОҲИ НАҚЛИЁТИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ТАРМИМ МЕШАВАД

Аз ҷумла, дар қитъаҳои роҳи автомобилгарди «Дарбанд – Бойсун – Елбаён» ва «Мангузар –Ҷарқӯрғон – Бандихон – Олтинсой – Деҳнав», ки арзиши умумии он 183,8 миллион долларро ташкил мекунад, корҳои таъмиру тармим бо суръати баланд давом дорад. Дар айни замон дар 72,76 километр корҳои ҳамворкунӣ ва омодасозии роҳ анҷом ёфтааст. Аз ин масофаи номбаршуда қисми асоси роҳ, яъне қабати аввал 59 км ва қисми миёна 47,65 км ва корҳои симону бетонкунӣ, яъне қабати болоии он 44,73 км масофаи роҳ корҳо анҷом ёфтааст.

Ҳангоми амалисозии чунин як лоиҳаи бузургҳаҷм ба муҳофизати муҳити атроф ва манфиати аҳолӣ эътибори алоҳида дода мешавад. Пӯшида нест, ки ҳини васеъ намудани роҳҳо албатта дарахтони қади роҳ ва боғу заминҳои наздиҳавлии аҳолӣ хисорот мебинанд. Дар айни замон баробари бо ҷадал давом додани корҳои реконструксионӣ ба аҳолӣ додани ҷубронпулӣ ва кӯчонидани дарахтон низ якмаром пеш меравад. Агар дар қадами аввал зиёда аз 22 ҳазор дарахт кӯчонидан ё бурида шуданаш ба нақша гирифта шуда бошад, дар натиҷаи аз ҷиҳати технологӣ аз нав дида баромадани лоиҳаву андешидани чораҳои зарурӣ он ба 3 ҳазору 803-то кам карда шуд.

Дар ҷараёни татбиқи лоиҳа таъмини пардохтани саривақтии ҷубронпулӣ ба аҳолӣ, ҳифзи муҳити зист ва саривақту босифат ба анҷом расонидани корҳои таъмиру тармим вазифаи муҳимтарин маҳсуб мешавад.

**Олим ПАНҶИЗОДА, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**

---

# ОҒОЗИ БОЗ ЯК ҲАРАКАТИ БУЗУРГ

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Маҳз меҳнати ҳалол ва бошуурона метавонад моро ба ҳар гуна мақсади воло бирасонад. Халқе, ки иродатманд ва бамаънист, ба фатҳи ҳар гуна марраҳои мурод, бунёди давлати демократии ҳуқуқбунёд ва мутараққӣ қодир мебошад.

Дар суханрониҳои пурҳарорати Президентамон муҳтарам Шавкат Мирзиёев, айни замон, бозтобии қиёфаи маънавии мамлакатамонро дида метавонем. Ӯзбекистон – сарзамин ва ватани воқеии аҷдодони пуршарафи мо дар рӯзҳои мо низ бо нури маърифат ва маънавият музайян мебошад. Дар баромади пурмазмуни роҳбари ин давлат дар иҷлосияи 72-юми Ассамблеяи генералии СММ чеҳраи маънавӣ ва маърифатии Ӯзбекистон дигарбора намоён гардид. Аз нутқи Президент равшан ба назар расид, ки ин кишвари рӯ бар ривоҷ бо ғояҳои маърифати аҷдод ҳамеша содиқ буда, дар ин самт ба дигарон намуна будани худро бо субот идома медиҳад. Халқи шарифи ин марз ба дурустӣ дарк намуда, ки қудрати маънавии инсон нафақат дар илм, адабиёт ё маданияту санъат, айни ҳол дар имону эътиқод, диёнат, қавлу амал ва орзуву омоли поки он таҷассум меёбад. Ин ҷиҳатҳо, зимнан, паҳлуҳои муҳими фазилатҳое мебошанд, ба халқҳои Шарқ хосанд.

Тавре ба назар мерасад, ки классикони адабиёти оламшумули мо – ахтарҳои нурпоши осмони маънавияти башар, маҳз бо мақсади таблиғи маърифат ва маънавияти воло қадам ва қалам задаанд.

Аз он ки насли поки халқи рӯикитобдида ва бохирадем, ифтихор менамоем. Бале, яке аз хубтарин фазилатҳои падару бобоёни мо китобдӯстист. Ҷомии бузургвор фармуда буд:

*Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст,*
*Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст.*

Дар тақвияти ҳарфҳои дӯст ва устоди бузургвори худ ҳазрати Навоӣ гуфтааст «Китоб устоди беминнат, манбаи асосии камолоти маънавист».

Дар гузаштаи наздик эътибор ба мутолиа суст шуд, китобхонаҳои зиёд, бинобар камодамӣ, баста шуданд, хусусан адабиёти бадеӣ қадр ва манзалати пештараашро гум кард. Баъди ба сари қудрат омадани роҳбари кунунии давлати мо дар қатори бисёр соҳаҳо ба самтҳои маънавӣ таваҷҷуҳ пурзӯр гашт, таҳти шиори «Маънавият – қудрат, маърифат – аслиҳа» чорабиниҳо рӯйи кор омаданд. Омма аз нав ба китоб – ба мутолиа рӯй овард. Китобҳои беҳтарин аз нав мақоми пештараашонро молик ва ба сифати беҳтарин мукофот ё инъом пазируфта шуданд. Ҳатто Президентамон ба якчанд ҳамтоёни худ – роҳбарони олимартабаи як қатор кишварҳои хориҷӣ китобҳо туҳфа намуд. Баробари кушода шудани дӯконҳои китоб ва китобхонаҳо, барои он ки аҳолӣ ба таври оммавӣ ба мутолиа ҷалб гардад, озмунҳо эълон карда шуданд. Хусусан насли ҷавон амиқ дарк намуд, ки ягон технологияи замонавӣ (компутеру дигар таҷҳизоти электронӣ) ҷои китобро гирифта наметавонад. Маҳз китоб, ки воқеан хазинаи маънавӣ, ёру ёвари беминнат аст, вомедорад шахс мустақилона фикр ронад. Мутолиа баробари дониш ва таҷриба ба кас завқ ҳадя мекунад, тафаккуру диди эстетикиашро ташаккул мебахшад. Хориҷиён низ мебинанд дар Ӯзбекистони кунунӣ эътибор ба китоб ва мутолиа чӣ тавр ба сатҳи сиёсати давлатӣ бардошта шудааст.

Ба наздикӣ дар Тошканд – дар Маркази байналмилалии конгресс боз як чорабинии муҳими маънавию сиёсӣ ба муносибати оғози ҳаракати умумимиллӣ оид ба рушди фарҳанги китобхонӣ бо сарварии роҳбари давлати мо рӯйи кор омад.

Президентамон дар баромади худ гуфт, алъон дар Ӯзбекистони Нав китобхонӣ танҳо масъалаи таълим нест, балки қувваи бузурги маънавии ояндаи миллату халқи моро таъминкунанда низ ҳаст. Вай дуруст қайд кард, ки бузургмардони олами хиради мо маҳз бо шарофати илму маърифате, ки аз мутолиа андӯхтаанд, ба чунин мартабаҳо расиданд. Бале, бе китоб илм нест, инсонеро ҳам, ки китоб намехонад, ҳеҷ вақт шахси бамаънӣ гуфта наметавонем. Роҳбари давлат гуфт: «Барои он ки кишвари мо дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун давлати пурқудрат ва дорои иқтидори баланд муаррифӣ гардад, бояд ба ду пояи устувор такя намояд – ба мероси бебаҳои илмӣ ва маънавӣ, ҳамчунин ба донишҳои муосиру технологияҳои пешрафта».

Зимнан, оиди барномаи «Ҳаракати миллии китобхонӣ» ва дастгирии ҳамаҷонибаи давлатии он фармоиши алоҳидаи сарвари мамлакатамон ба имзо расидааст.

Озмуни «Китобхони ҷавон» ҳанӯз соли 2017 оғоз гардида буд. Бо унвонҳои «Оилаи ҷавони китобхон» ва «Китобдӯсти ҷавон» низ ин гуна сабқатҳои китобхонӣ баргузор ва ғолибон бо туҳфаҳои арзишнок тақдиронида мешаванд. Чунин чорабиниҳо боис шуда, ки миллионҳо ҷавонон ва аъзои хонадонҳои ҷавон ба китобхонӣ рӯй оранд, фарҳанги китобхонӣ ба таври васеъ густариш ёбад. Озмунҳо дар ин самт алъон мазмуну муҳтавои тоза пайдо мекунанд. Акнун қисми ниҳоии чунин чорабинӣ дар сатҳи Президент баргузор мегардад. Ҳаҷми умумии фонди солонаи ҷоизаҳои барномаи «Ҳаракати миллии китобхонӣ» 240 ҳазор доллари ИМА аст.

Нуқтаҳои интернетӣ низ, бешак, сарчашмаи бепоёни дониш ва маълумот. Вале, тавре дар боло қайд карда гузаштем, ҷои китоб дигар аст. Инро Президентамон дар баромади худ алоҳида қайд карда гузашт: «Инсоне, ки бо китоб дӯст шудааст, дар роҳи зиндагӣ дур хоҳад рафт. Миллате, ки китоб мехонад ва маъноҳои онро дарк мекунад, ҳеҷ гоҳ мағлуб намешавад».

Бо мутолиаи китобҳои хуб кас худро дар олами маънавият ва маърифат ҳис мекунад. Ҷавонон ҳар қадар китобдӯст бошанд, ба он дараҷа дар қалби онҳо эҳсоси созандагӣ ба таҳрик меояд. Халқи бамаънӣ ва соҳибмаърифати мо дар атрофи мӯъҷизае бо унвони китоб ҳар қадар муттаҳид шавад, муҳите, ки моро печонда, боз муътадилтар, шууру тафаккурамон боз солимтар хоҳад гашт.

**Муҳаммадҷон ШОДИЕВ.**

---

# «КИТОБХОНИ ЗАКОВАТМАНД»

### *аввалин озмуни онлайнии тоҷикии китобхонӣ*

***Таҳти ташаббуси рӯзномаи «Овози тоҷик» дар паёмрасони Телеграм боти махсус таъсис ёфта, баргузории озмуни онлайнии китобхонӣ – «Китобхони заковатманд» роҳандозӣ шуд.***




Озмун бо мақсади баланд бардоштани завқи китобхонӣ, таҳкими неруи зеҳнӣ, инкишофи қобилияти эҷодӣ, тақвияти ҷаҳони маънавӣ миёни аҳолии кишвар, аз ҷумла хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, хонандагон ва донишҷӯён ва намояндагони касбу кори гуногуни кишвар ташкил гардида, дар ду номинатсия – «Иштироки фаъол дар тест», «Тарғиботи озмун» ва дар асоси қиссаи «Марги судхӯр»-и Устод Садриддин Айнӣ гузаронида шуд.

Пас аз эълони озмун 1708 нафар корбарон вориди бот шуданд, аз онҳо 1152 нафар сабти ном намуданд ва аз байни ин миқдор қариб 100 нафар бо иҷрои талаботи озмун ҳуқуқи иштирокро дар марҳилаи аввал ба даст оварданд.

Марҳилаи якум 6 июн, аз соати 19:00 то соати 00:00 дар боти махсус идома ёфта, иштирокдорон ба 30 саволи тест, ки дар асоси «Марги судхӯр» омода шуда буд, ҷавоб ёфтанд ва аз онҳо 20 нафар корбаре, ки натиҷаи баландро ба даст оварданд, ба марҳилаи дуюм роҳ ёфтанд.

Дар марҳилаи дуюм низ тавассути «@QuizBot» ба иштирокдорон аз ин қиссаи маъруфи Устод Айнӣ 20 саволи нисбатан мураккабтар пешниҳод гардид ва дар асоси меъёри 5 холӣ (дар маҷмӯъ 100 хол) баҳогузорӣ шуд.

Бино ба натиҷаҳои ниҳоӣ Дилрабо Назарова, муҳаррири гурӯҳи фарҳангии «Ориён»-и шаҳри Самарқанд ва Рисолат Абдуҷабборова, сокини ноҳияи Чусти вилояти Намангон ба 16 савол ҷавоби дуруст ёфта, 80 хол ҷамъ карданд.

Мувофиқи низоми озмун, ҳангоми баробар шудани натиҷаҳои тест, ба иштирокдоре, ки озмунро бештар тарғиб кардааст (реферал), бартарӣ дода мешавад.

То рӯзи озмун Д. Назарова 13 нафар ва Р. Абдуҷабборова 3 нафарро даъват карда буданд.

Бо назардошти чунин муқаррарот, дар номинаи «Иштироки фаъол дар тест»-и озмун Дилрабо Назарова ҷойи якум, Рисолат Абдуҷабборова ҷойи дувум ва Шавкатулло Остонаев, омӯзгори мактаби таълими умумии рақами 18-уми ноҳияи Узуни вилояти Сурхондарё ҷойи сеюмро ба даст оварданд.

Дар номинаи дувуми озмун – «Тарғиботи озмун» Манучеҳр Рустамалиев, сокини ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Сӯхи ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона бо даъвати 98 нафар корбар ҷойи якум, Озодбек Абдусаматов, донишҷӯи Донишкадаи давлатии омӯзгории Самарқанд бо тарғиби озмун миёни 86 нафар ҷойи дуюм ва Ҳотамалӣ Раҳматов, омӯзгори мактаби ҳамагонии рақами 11-уми ноҳияи Сӯх бо даъвати 64 нафар корбар ҷойи сеюмро соҳиб шуданд.

– Аз ташкили чунин озмуни китобхонӣ бо забони тоҷикӣ хеле хурсанд шудам, – иброз дошт Шавкатулло Остонаев. – Камина дар озмуни «Китобхон миллат», ки мунтазам бо ӯзбекӣ гузаронида мешавад, фаъол иштирок мекунам. Бо ҳамин сабаб, якчанд асари бадеиро мутолиа ҳам намудам. Аз ҷумла, асарҳои Абдулло Қаҳҳор, Тоҳир Малик ва ғайраро. Бо баҳонаи озмуни онлайнии «Китобхони заковатманд» бори дигар «Марги судхӯр»-ро хондам, сабтҳои қиссаро гӯш кардам. Ин иқдоми «Овози тоҷик» шоёни таҳсин аст ва умед дорем, ки ин ташаббус идома ёфта, шумораи иштирокдорон ҳам афзояд.

Ғолибони озмун бо туҳфаҳо сарфароз мегарданд.

**«Овози тоҷик».**

---

# РӮЗНОМАНИГОРОН ГИРДИҲАМ ОМАДАНД

***Ҷамъомади ҳисоботӣ-интихоботии шуъбаи Иттиҳоди рӯзноманигорони Ӯзбекистон дар шаҳри Тошканд баргузор гардид. Дар он эҷодкорон, журналистони собиқадор, рӯзноманигорони ҷавон, фаъолон иштирок намуданд.***
***Дар чорабинӣ ҳисоботи раиси шуъбаи минтақавӣ Ҳусан Эрматов дар солҳои 2021-2025, ҷамъбаст ва дурнамои рушд барои панҷ соли оянда баррасӣ гардид.***

Оиди корҳои анҷомдодашудаи бахши шаҳрии иттиҳод дар самти дастгирии рӯзноманигорон, омода кардани мутахассисони ҷавон ва шаффофият дар ВАО шунида шуд. Ҳисоботи комиссияи назоративу тафтишотӣ дар бораи фаъолияти молиявӣ ва иқтисодии шуъба низ шунида шуд.

Тибқи барномаи ҷамъомад ҳайати нави раёсати шаҳрӣ тасдиқ карда шуд. «Харитаи роҳ» барои солҳои 2026-2030 қабул гардид ва намояндагони пойтахт ба конфронси навбатии Иттиҳоди журналистони ҷумҳурӣ вакил интихоб шуданд. Сармуҳаррири шабакаи радиои «Ӯзбекистон-24» Худойназар Дӯстқобилов раиси шуъбаи шаҳри Тошканд интихоб шуд. Таъкид гардид, ки иштироки журналистон дар озмунҳои «Килки заррин», «Журналисти фаъоли сол», «Аз ҳама бузург, аз ҳама азиз», «Журналисти ҷавони фаъолтарини сол» беш аз пеш шаффофтар гардад.

Баробари муваффақиятҳо ба камбудиҳои шуъба низ истода гузаштанд.

– Панҷ-шаш соли охир ба бахши шаҳрии иттиҳоди журналистон эътибор камтар шуд. Мехостем ба масъалаҳои имтиёзҳо барои хонаву ҷой, истироҳат ва табобати журналистони собиқадор эътибори ҷиддӣ дода шавад. Дар замони Иттиҳоди шӯравӣ агар барои шоиру нависанда ё рӯзноманигор манзили якутоқа дода шавад, баҳри бо эҷод машғул шудани ӯ хонаи алоҳида дода мешуд, – мулоҳизаҳои худро баён намуд журналисти собиқадор Қобилбек Каримбеков.

**Саодат БЕКНАЗАРОВА, хабарнигори «Овози тоҷик».**

Ахлоқ

# ...НУРИ ЧАРОҒИ ЗИНДАГОНӢ

*Ҳеҷ неъмат беҳтар аз фарзанд нест,*
*Ҷуз ба ҷон фарзандро пайванд нест.*
*Ҳосил аз фарзанд гардад коми мард,*
*Зинда аз фарзанд монад номи мард.*
**(Абдураҳмони ҶОМӢ).**

Таваллуд ва тарбияи фарзанд вазифаи муҳими оила, падару модар мебошад. Фарзанд оиларо мустаҳкам менамояд, қадру қимати онро баланд мебардорад, муҳаббати байни ҳамдигар ва эҳтироми волидайнро пойдор мегардонад. Муҳаббат нисбат ба фарзанд хусусияти хоси ҳар як инсон аст, оилае нест, ки дар бораи соҳиби кӯдак будан орзу накунад, зане нест, ки дар бораи ҳуқуқи модарӣ ё марде, ки орзуи падар шудан надошта бошад. Ҳисси модарӣ ва падарӣ дар табиати худи инсон ва тамоми табиати зинда мавҷуд аст.

Таваллуди кӯдак ҳодисаи хурсандибахшу муҳими оила мебошад. Оилаи серфарзанд аз ҳама хушбахттарин ҳисобида мешавад. Тоҷикон чунин мақоле доранд: «Сарват пулу мол нест, фарзанд аст». Ё дар гуфтугӯ мегӯянд: «Вай одами бадавлат аст, ҳашт фарзанд дорад».

Фарзандро меваи инсон меноманд. Махсусан, зодрӯзи кӯдаки нав дар оила ба тантанаи бузурги оилавӣ, хешу табор табдил меёбад.

Бачаҳо муждарасонанд. Дар ин маврид ҳатман «муждагонӣ» талаб мекунанд. Падар, хешу табор ба бачаҳо тӯҳфа, пул, рӯймолча ва ҷома медиҳанд.

Барои хушбахтию мустаҳкамии оила фарзанд бисёр муҳим аст. Фарзанд риштаи меҳру муҳаббати зану шавҳарро мустаҳкам менамояд ва масъулияти онҳоро барои тарбияи ӯ афзун мегардонад. Дар Қонуни Асосӣ сабт шудааст, ки «Падару модарон барои тарбияи фарзандон масъуланд. Шаҳрвандон вазифадоранд, ки дар бораи тарбияи фарзандон ғамхорӣ карда, онҳоро ба меҳнати фидокоронаи ҷамъиятӣ тайёр намуда, ба камол расонанд».

Одобу ахлоқи нек, инсонпарварӣ, меҳнатдӯстӣ, хоксорӣ, ватандӯстӣ хислатҳои беҳтарини инсониянд. Барои ба воя расонидани фарзанд бо чунин хислатҳо ба волидон лозим меояд, ки меҳнату кӯшиши зиёде сарф кунанд. Оила – мактаби аввалин ва асоситарини тарбияи фарзанд мебошад ва агар дар ин зина ягон каҷравие ба амал ояд, ислоҳи он барои падару модар ва дар оянда барои муаллимони мактаб ҳам кори басо душвор мегардад. Дар ин хусус Саъдии Шерозӣ байте дорад:

*Хишти аввал гар ниҳад меъмор каҷ,*
*То ба охир меравад девор каҷ.*

**Собир ЭРГАШЕВ,**
**омӯзгори собиқадор аз ноҳияи Фориш.**

Ба пешвози 35-солагии истиқлоли Ҷумҳурии Ӯзбекистон

# НИЁЗ БА КИТОБ ЭҲСОСШАВАНДА АСТ

***Бузургон барҳақ таъкид кардаанд, ки китоб сарчашмаи илму маърифат, ганҷи бебаҳост. Он дар рушди тафаккури инсон нақши босазо мегузорад, ба одам ғизои маънавӣ мебахшад. Боиси хушнудист, ки бо таваҷҷуҳи сарвари давлатамон ба китобу мутолиаи он диққату эътибори махсус дода мешавад. Бояд гуфт, ки Маркази ахбор-китобхонаи вилоятии ба номи Пушкини шаҳри Самарқанд таърихи дуру дароз дорад.***



## НИГОҲЕ БА ТАЪРИХ

Бостоншиноси маъруф, асосгузор ва нахустин директори осорхонаи Самарқанд, ношир ва шореҳи дастхатҳои асри миёнаи Шарқ Василий Вяткин (1869-1932) барои баланд бардоштани маърифат, рушди илму фарҳанг хидмати шоиста кардааст. Бо ҳаракати ӯ соли 1914 ҷойи расадхонаи Мирзо Улуғбек муайян гардид. Василий Вяткин муаллифи асари безаволи «Афросиёб – димнаи Самарқанди бостонӣ» (соли 1927) буда, барои омӯхтан ва муҳофизати ёдгориҳои таърихии Осиёи Миёна хидмати шоиста кардааст. Ӯ бо таклифу дастгирии маърифатпарварону равшанфикрон Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, Саидризо Ализода, Абдуқодир Шакурӣ, Бреженский, Грушановский ва дигарон соли 1911 дар шаҳри Самарқанд нахустин китобхонаи оммавиро дар шафати бинои осорхона, ки худ директори он буд, ташкил намуд. Дар китобхона аввал ду ҳазор нусха асарҳои гуногуни адабиёти русӣ, тоҷикӣ-форсӣ, арабӣ, туркӣ ва ғайра мавҷуд буд. Он ҳам аз ҷониби шахсони нексиришту хайрхоҳ ҳадя шудааст. Баъдтар соли 1937 китобхона, ба муносибати 100-солагии вафоти А.Пушкин, номи ӯро гирифт. Соли 1970 китобхона ба бинои хушсохти замонавии сеқабата, ки ҷавобгӯйи талаботи замон, яъне дар хиёбони собиқ Абрамов, ҳоло Донишгоҳ кӯчид. Дар иншооти кӯҳна китобхонаи бачагона ҷой гирифт. Чанде пеш роҳбари маъмурияти Президент Саида Мирзиёева ба китобхонаи наврасон, ки воқеъ дар чорроҳаи Амир Темур ва Маҳмуд Қошғарӣ аст, ташриф фармуда, барои таъмиру тармими бинои 115 сола, ки бо гузашти айём хеле харобу валангор шудааст, ба ҳокимияти вилоят супориш дод.

## ИНТИХОБИ КАСБ ТАСОДУФӢ НАБУД

– Таърихи ба кор омаданам аҷиб аст, – бо табассуми ширин лаб ба сухан кушод роҳбари нави макони ганҷи бебаҳо Наргиза Саидмуродова, – аз сабаби он ки хонаи мо дар шафати китобхона қарор дошт, солҳои мактабхонӣ зудзуд ба ин ҷо омада, асарҳои адибони тоҷику ӯзбек, русу ҷаҳонро мутолиа мекардам. Воқеан, холаам Маҳбуба Сатторова ходими китобхона буданд ва ба ман асарҳои тозанашри шавқовару хонданибобро пешкаш менамуданд. Пас аз хатми мактаби миёна ба Донишгоҳи давлатии забонҳои хориҷии Самарқанд ҳуҷҷат супурда, аз имтиҳонҳои қабул сарбаландона гузаштам. Соли 1999 ба мактаби рақами 65-уми ноҳияи Самарқанд ба кор омадам, вале ҷойи дӯстдоштаи ман китобхона буд. Рӯзе Маҳбубахолаам гуфтанд, ки ба китобхона ходими нав лозим. Муҳаббат ба китоб, мутолиа ва амри тақдир будааст, ки аввал китобдор, дертар ҳамчун мудири шуъба, ҷонишини директор фаъолият бурдам. Чанде пеш роҳбари Маркази ахбору китобхонаи ба номи Пушкин, ки дар тасарруфи Китобхонаи миллии Ӯзбекистон ба номи Навоӣ аст, таъин шудам ва аввалин журналисте, ки барои табрик омад, шумо – намояндаи рӯзномаи «Овози тоҷик» ҳастед.

**– Наргиза Ӯктамовна, Самарқанд яке аз сераҳолитарин вилоят дар миқёси ҷумҳурӣ ба шумор меравад. Вазъи имрӯзаи китобхонаҳо дар шаҳру ноҳияҳои вилоят, ки дар тасарруфи идораи шумост, чӣ гуна арзёбӣ мегардад?**

– Китоб ганҷи бебаҳост ва хазинаи он оинаи ба худ хоси ҳаёт аст. Бароям посдори асарҳои бузургонамон будан бахти бузург. Худ китобро донистан, муҳаббат бастан, дарк намудан эҳсоси аҷиб аст. Ақлу ҷаҳонбинии одам бо мутолиа васеъ мегардад. Замоне бобокалонҳои мо барои пайдо кардани китоб азоб мекашиданд, ҳозир мо ба интихоби китоб душворӣ мекашем. Масалан, ҳоло дар ҷевонҳои мо 649 ҳазору 639 нусха асар ба 43 забонҳои ҷаҳон буда, ҳар рӯз тақрибан 700-800 нафар мухлисон тавассути компутерҳои электронӣ ба қайд гирифта мешаванд. Танҳо соли гузашта шумораи онҳо 109 ҳазору 315 нафарро ташкил кард. Боз ба маълумоти шумо бояд расонам, ки дар китобхонаи мо ҳафт толори мутолиа, 14 шуъба арзи вуҷуд дошта, 70 нафар ходимони соҳибтаҷриба ба корафтодагон хидмат мерасонанд. Фаромӯш накунем, ки ба китоб ҳама – пиру ҷавон, тадбиркор ва ҳатто бекорхӯҷа заруратро ҳис мекунад. Лекин одам барои дониши мукаммал гирифтан асарҳои беҳтаринро интихоб карданаш лозим. Шумораи китобҳо не, балки хубу аълояш фоида меоварад. Боз як гап, кӣ ва ба чӣ қодир будани шахсро аз интихоби китоб фаҳмидан мумкин аст.

**– Мо бо тақозои касб ба шаҳру ноҳияҳои вилоят сафар мекунем. Дар аксар ҷойҳо китобхонаҳо ба талаботи рӯз ҷавобгӯ нестанд. Барои бартараф сохтани камбудӣ ва норасоиҳо чӣ тадбирҳо пайгирӣ карда мешавад?**

– Ба фикри шумо ҳамроҳ ҳастам. Замоне ғайр аз мактабҳо ҳар як гузару маҳалла китобхона дошт. Ҳоло дар марказҳои шаҳру ноҳияҳо шуъбаҳои Маркази ахбор-китобхонаи вилоятии ба номи Пушкин мавҷуд асту халос. Ходимони мо аз рӯйи нақша бо навбат ба ноҳияҳо рафта, ба ҳамкасбони худ барои беҳтар кардани фаъолияти ахбору китобхонаҳо кумак мерасонанд. Инчунин, гоҳ-гоҳ дар маркази мо чорабиниҳои такмили ихтисос, озмунҳои гуногун баргузор мешавад. Мақсад таҷрибаомӯзӣ аст. Инчунин, рӯнамоии асарҳои нав, вохӯрӣ бо шоирону нависандагон, таҷлили мавлуди адибон ба анъана табдил ёфта, дар тадбирҳо на танҳо самарқандиён, ҳатто меҳмонон аз Русия, Қазоқистон, Ҷопон, Тоҷикистон, Хитой, Туркия, Куриёи Ҷанубӣ ва дигар кишварҳои олам ширкат меварзанд.

## САЙРЕ БА ХАЗИНАИ ИЛМУ ДОНИШ

Ҳар шахсе, ки ба бинои китобхона ворид мешавад, диққату эътибори ӯро ҷевонҳои китоб, гулдонҳои рангбаранги пурҷозиба, тозаву озодагӣ, осоиштагӣ, овезаҳои панду ҳикматҳои бузургон дар бораи китобу мутолиа, соҳиби илму дониш шудан ва хосатан, чеҳраи кушод, муомилаи хуши ходимон ба худ мекашад. Шинос шудани мо аз шуъбаи дастхатҳои қадими Шарқ оғоз ёфт. Китобдори калон, мудири шуъба Заррина Латифова иттилоъ дод, ки дар толори мазкур қариб 50 асари нодир, ки бо ҳуруфи арабӣ хаттотҳо тозанавис кардаанд, маҳфуз аст. Аз онҳо бостоншиносон, пажӯҳишгарон ва бештар донишҷӯёни факултаи таърихи Донишгоҳи давлатии Самарқанд, кормандони илмӣ аз Туркия, Амрико, Эрон, Венгрия, Тоҷикистон, Қазоқистон, Англия ва дигар кишварҳои олам истифода мебаранд.

– Толори мутолиа, – гуфт мудири он Наргиза Бурҳонова, – аз соати 8-и пагоҳӣ то бегоҳ хидмат мекунад. Ходимони мо Марҷона Шамсиева, Мамлакат Бекмуродова, Рухшона Абдухалилова бо талаби мизоҷон адабиёти зарурииро зуд пайдо карда, пешкаши онҳо мегардонанд.

Маҳбуба Қулова беш аз сӣ сол аст, ки ҳамчун роҳбари хидматрасонӣ дар толори қироат адои вазифа карда, инчунин ба қисмҳои ҳарбӣ, гузару маҳаллаҳо ва оилаҳои китобхон асарҳои хонданибобро мерасонад.

– Дар шуъбаи мо Ҳилола Бозорова, Интизор Ноёбова, Илгиза Сайфуллоева, Насиба Маматқулова кор мекунанд, – мегӯяд Маҳбуба Маматқуловна, – вақте ки мизоҷон ба моён «раҳмат!» гӯён миннатдорӣ изҳор мекунанд, аз хидмати худ қаноатманд мешавем. Дар шуъбаи кишваршиносӣ нисбати ёдгориҳои таърихӣ, ки қариб 600 китоб ба забонҳои ӯзбекӣ, русӣ, англисӣ, форсӣ, ҷопонӣ ва ғайра ҳастанд, диққату эътибори роҳбаладон ва ходимони илмии хориҷиёнро ба худ мекашад. Умуман, таваҷҷуҳи мардум ба китобхона – дурдонаи ғании рӯҳии инсоният бузург аст.

– Ман дар бахши дуюми шуъбаи арабии Донишгоҳи давлатии забонҳои хориҷии Самарқанд таҳсил мегирам, – худро муаррифӣ сохт яке аз мухлиси доимии китобхона Сарвиноз Эргашева, – дар ин ҷо адабиёти заруриро зуд пайдо кардан мумкин мебошад. Дар шуъбаи байналхалқӣ тавассути онлайн кас метавонад бо бисёр китобхонаҳои олам – Ҳиндустон, Эрону Амрико, Фаронсаву Русия ва ғайра риштаи дӯстиву ҳамкорӣ баста, ба маълумотҳои зарурӣ соҳиб гардад. Мехостам тавассути рӯзномаи шумо ба ҷамоаи китобхона барои хидмати шоиста ва беминнат миннатдорӣ изҳор намоям.

Мо чунин арзи сипосро аз дигарон низ шунидем. Ин ҳангом беихтиёр байтҳои зерини Абдураҳмони Ҷомӣ ба хотир омад:

*Хуштар зи китоб дар ҷаҳон ёре нест,*
*Дар ғамкадаи замона ғамхоре нест.*
*Ҳар лаҳза аз ӯ ба гӯшаи танҳоӣ,*
*Сад роҳате ҳасту ҳаргиз озоре нест.*

**Собири БУРҲОН,**
**муҳаррири калони шуъбаи тоҷикии Ширкати симо ва садои Самарқанд.**
**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

# ОИЛАИ ИБРАТБАХШ



***Ҳар як оила тартиби зисти худро дорад, аммо оилаҳое ҳастанд, ки тарзи зиндагии онҳо барои тамоми насл намуна аст. Зеро, аъзои чунин оилаҳо на танҳо якҷо зиндагӣ мекунанд, балки якҷо шодӣ мекунанд, якҷо ғам мехуранд ва бо ҳам пир мешаванд.***

Дар даврони пурташвиши кунунӣ, ҳангоме ки арзишҳои оилавӣ баъзан нодида мемонанд, суҳбат дар бораи одамоне, ки дар чунин оилаҳо тарбия ёфтаанд, на танҳо муҳим, балки зарур ҳам ҳаст. Зеро ҳаёти онҳо маънии хушбахтии ҳақиқиро рӯшан падидор мекунад.

Салойдинбобо Шаҳобов ва Муътабармомо Раҷабова аз чунин шахсони хушбахтанд, ки 66 сол бо ҳам зистаанд. Онҳо дар маҳаллаи Пилоли ноҳияи Чуст хушбахтона зиндагӣ мекунанд.

Салойдинбобо зиёда аз 70 сол дар хоҷагии қишлоқ аввал чун раиси ҷавонону ҳисобдор, сонитар ҳамчун роҳбари бригада кор кард. Баъдтар мардуми маҳалла ӯро раис интихоб карданд,чандин сол ин масъулиятро ба ӯҳда гирифт. Мардум ҳурматаш мекарданд. Бояд гуфт, ки аҳли маҳалла то ҳол аз вай маслиҳат мепурсанд.

Соли 1960 Салойидин ба Муътабари ҳаммаҳаллааш хонадор шуд. Муътабар меҳнатдӯст буд, ҳам дар саҳро кор мекарду ҳам кори хонаро ӯҳда менамуд. Онҳо 5 фарзанд – Ҷалолиддин, Насиба, Камолиддин, Маҳбубаю Раъноро ба воя расониданд. Ба донишомӯзии онҳо эътибори алоҳида доданд. Дар натиҷа ҳамаи фарзандон дорои маълумоти олӣ шуда, касби омӯзгориро интихоб карданд. Ҳар кадом меҳнатдӯст ҳастанду дар ҷомеа ҷойгоҳи муносиби худро доранд. Имрӯз фарзандони фарзандон низ дар соҳаҳои гуногун самаранок кор мекунанд ва дар рушди ҷомеа саҳм мегузоранд.

Салойдинбобо ҳангоми суҳбат бо мо бисёр панду насиҳатҳо гуфта, таъкид карданд, ки бояд онҳоро дар ёд дорем.

– Ман дар давоми зиндагӣ бисёр чизҳоро дидаву аз сар гузаронидам, – гуфтанд бобо. – Бузургтарин дарсе, ки ҳаёт ба ман омӯхт, сабр ва қаноат буд. Мутаассифона, ҷавонони имрӯз ба ин чизҳо камтар эътибор медиҳанд. Онҳо мехоҳанд ба ҳама чиз зуд соҳиб шаванду натиҷаашро зудтар бинанд. Аммо ҳаёт шитобкориро дӯст намедорад. Ман ҳамеша мегӯям: бузургтарин вазифаи падару модар на фақат нисбати фарзанд муҳаббат парваридан аст, балки ӯро омода кардан ба ҳаёти мустақилона мебошад. Зеро мо – волидайн абадӣ нестем. Худам ба ҳамаи фарзандонам, ба хусус ба писарон мустақил фикр кардану қарор баровarданро омӯхтам. Онҳо дарки масъулият, арзиши молу давлату маблағ ва идора кардани оиларо омӯхтанд. Вазифаи мо, падару модарон танҳо ҳифзи кӯдак нест, балки омода кардани ӯ ба ҳаёти мустақил аст.

**Шаҳло МАМАҶОНОВА.**
*Вилояти НАМАНГОН.*

# ДАСТУРИ НАВИ ЭКОЛОГӢ АМАЛӢ МЕГАРДАД

***Мувофиқи қарори Девони Вазирон дар вилояти Сурхондарё барои кам намудани эрозияи шамол, коҳиш додани таъсири чангу тӯфони минтақа ва барқарор намудани муҳити экологӣ барои солҳои 2026-2030 дастур тасдиқ гардид.***

Дар доираи он дар Донишгоҳи давлатии Тирмиз Маркази илмии замонавӣ, ки барои муҳофизати муҳити атроф ва тағйирёбии иқлим ихтисосонида шудааст, ташкил гардид. Марказ мутахассисони дараҷаи байналмилалиро барои тағйирёбии иқлим тайёр менамояд, барои коҳиш додани таъсири манфии чангу тӯфони «шамоли афғон» тадқиқот мебарад.

Дар доираи дастур дар ноҳияҳои Ангор, Ҷарқӯрғон, Музработ, Қизириқ, Тирмиз ва шаҳри Тирмиз дарахтзори иҳотавии «камари сабз» низ барпо карда мешаванд.

Ба мақсади коҳиш додани таъсири манфии чангу тӯфоне, ки аз кишварҳои ҳамсоя мерасанд, ҳамкориҳои тарафайн ва музокираҳо ба роҳ монда мешаванд.

Ҳамин тариқ, олимони донишгоҳ, муҳаққиқони ҷавон бо иштироки ҳамкорони хориҷӣ дар роҳи ҳифзи табиати воҳа, нигоҳ доштани ҳавои мусаффо ва таъмини муҳити барқарори экологӣ кор мебаранд.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**

Минбари омӯзгор

# КИМИЁ – НАҶОТБАХШИ ТАБИАТ

***Аксаран вақте, ки калимаи «кимиё»-ро мешунавем, пеши назарамон заводҳои дудбаро, дарёҳои ифлосшуда ё иловагиҳои зараровари ғизоӣ меоянд. Дуруст аст, зараре, ки инсоният ба табиат мерасонад, имрӯз ҳамаи моро ба ташвиш овардааст. Аммо як ҳақиқатро набояд фаромӯш кард: табиатро на илми кимиё, балки инсонҳое ифлос мекунанд, ки аз он нодуруст истифода мебаранд. Дар асл, калиди ҳифзи модар-табиат маҳз дар дасти кимиёдонон мебошад***

Ман дар давоми фаъолияти омӯзгории худ ба шогирдонам ҳамеша такрор мекунам: табиат худ як лабораторияи бузург аст. Ҳар як раванди он – аз гардиши об сар карда, то нафаскашии растаниҳо ба қонуниятҳои мукаммали кимиё асос ёфтааст. Вазифаи мо на мубориза бо табиат, балки омӯхтани ин қонуниятҳо ва зиндагӣ дар ҳамоҳангӣ бо онҳост.

Имрӯз олимони ҷаҳон дар асоси принсипи «Кимиёи сабз» фаъолият мебаранд. Ин чист? Ин – пешгирӣ аз ихроҷи газҳои заҳролуди заводҳо ба ҳаво, сохтани материалҳои зуднестшаванда ба ҷойи пластик ва тоза кардани об бо усулҳои муосиртарин аст. Масалан, барои пешгирии боронҳои кислотагӣ имрӯз бо ёрии филтрҳои кимиёвӣ оксидҳои азот ва сулфур безарар гардонида мешаванд. Оё ин хидмати илми кимиё дар назди табиат нест?

Дар тоза нигоҳ доштани ҳавои гӯшаҳои хушобу ҳавое мисли ноҳияи Паркент, ки мо дар он зиндагӣ мекунем ва дар баланд бардоштани ҳосилнокии хок низ нақши донишҳои кимиёвӣ беқиёс аст. Мо бояд истифодаи нуриҳои минералӣ ва утилизатсияи партовҳоро бо илм дар меъёраш иҷро кунем.

Ҷавонони азиз, дар оянда кимиёдон мешавед ё соҳиби касби дигар, як чизро дар ёд доред: табиат ба мо на ҳамчун мерос аз гузаштагон, балки ҳамчун амонат ба наслҳои оянда дода шудааст. Омӯзиши амиқи илми кимиё бошад, барои ҳифзи ин амонат ба мо кӯмак мерасонад.

Биёед, на дуди сиёҳи аз мӯрии заводҳо бароянда, балки меҳнати он олимеро бинем, ки он дудро тоза карда, ҳаворо мусаффо мегардонад. Зеро илм – нурест, ки зулмотро равшан мекунад ва кимиё – қудратест, ки ҳаёти моро зебо ва табиатро ҳифз менамояд.

**Анвар ДУШАЕВ,**
**омӯзгори мактаби рақами 20-уми ноҳияи Паркенти вилояти Тошканд.**

Минбари омӯзгор

# ШОҲ АГАР ОДИЛ НАБОШАД...

***Номи шахсоне дар саҳифаҳои таърих бо ҳарфҳои заррин сабт мегардад, ки баҳри кишвару халқи худ бо донишу хирад, амали нек, ё ҳунару санъат суде оварда бошанд. Сарвари кишварамон Шавкат Мирзиёев аз ҷумлаи чунин родмардон мебошад. Одатан мардуми мо дар вақти дуо «Худованд осоиштагӣ ва хотирҷамъӣ диҳад», гуфта даст ба рӯй мекашанд. Оре, ин вожаҳо арзиши баланд доранд. Шукри беҳад мо аз ин неъмати Худодод баҳрабардорем. Вақте ба ҷое сафар мекунед, ё аз ҷое ба ҷойи дигар меравед, гувоҳи бисёр дигаргуниҳо мешавед. Ин замон деҳаҳо намуди шаҳрро доранд. Аз мумфарш гаштани роҳи кӯчаҳову нуқтаҳои хизматрасонии маишӣ, идораву муассисаҳои давлатӣ ва варзишгоҳҳо равшан аён аст, ки давлати мо рӯз то рӯз ободу зебо мегардад.***

Хоҳ-ноҳоҳ гузаштаи наздикро пеши назар меорем. Ба ин тарз дигаргун гаштани ҳаётамон бовар намекунем. Беихтиёр аз дил нидо мебарояд: «Шукри беҳад». Аз рӯйи инсоф ба шукр накардан ҳақ ҳам надорем.

Рӯзҳое паси сар шуданд, ки алалхусус, барои омӯзгор вазнин буданд. Омӯзгор ба шахси аз ҳама беэътибор ва иҷрокунандаи ҳар гуна меҳнати изофа табдил ёфта буд. Омӯзгоре, ки шахсро тарбият мекунад ва чӣ будани «адолат, ҳақиқат, маънавият, ҳалолкорӣ ва ...»-ро дар ниҳоди шахс таҷассум мекунонад. Дар идораву муассисаҳои давлатӣ шахсони худӣ бар худӣ кор мекарданд ва табиист, ки ба халқ коре надоштанд. Мақоли «Гӯр сӯзаду дег ҷӯшад»-ро шиор карда буданд. Ҳоло муҳит тамоман дигар аст. Имрӯз имкониятҳое пайдо шудаанд, ки дар хоби шаб ҳам намедидем.

Ин замон омӯзгор аз пайи кори худ аст. Ҷорӣ гардидани тоифагирии зина ба зина, бо гирифтани сертификат ва ноил гаштан ба мукофоти вазири таълим – ин ҳама ба омӯзгор имкон дод, то дар болои худ кор кунад ва соҳиби музди меҳнати баландтар гардад.

Дар асл ҳам ҳамин хел шуданаш лозим. Сари вақт пардохти музди меҳнат боиси дучанд гаштани меҳри устодон нисбати касби худ шуда истодааст. Дар ҳамаи соҳаҳо ҳамин гуна пешравиҳо ба амал омад. Ҳаёт, зиндагӣ тағйир ёфт. Худ аз худ не. Бо дастгириву ғамхорӣ ва ташаббуси оқилонаи сарвари давлатамон Шавкат Мирзиёев. Ин неъмати Худодод аст. Дар урфият мегӯянд, ки: «Абр агар аз қибла хезад, сахт борон мешавад, шоҳ агар одил набошад, мулк вайрон мешавад». Шукр, ки сарвари мо одил аст, оқил асту Ватану халқи худро дӯст медорад.

Исботи гуфтаҳои болоро сарварони дигар давлатҳо низ эътироф кардаанд.

Дигаргуниҳои кишварамон назаррасанду соат ба соат меафзоянд. Ҳамкориву муносибатҳои дӯстонаи кишварамон бо дигар давлатҳо, алалхусус, бо мамлакатҳои ҳамсоя боиси хушнудиву мамнунияти ҳамагон гаштааст.

Риштаҳои бародарӣ ва хешу таборӣ торафт қавитар мегарданд.

**Сулаймон СОДИҚ,**
**омӯзгори мактаби рақами 9-уми ноҳияи Бӯкаи вилояти Тошканд.**

*Мусоҳиба*

# СУРУДЕ, КИ ДИЛҲОРО БА ҲАМ ПАЙВАСТ

***Шоҳрулло Абдуллоев аз ҷумлаи ҷавонони муваффақест, ки чун соҳибкори комёб, сарояндаи боистеъдод, оҳангсози ботаҷриба ва актёри бомаҳорат шинохта шудааст. Ӯ зодаи шаҳри Тошканд аст. Дар Донишгоҳи байналмилалии Вестминстер дар Тошканд ва Академияи санъати драмавии Америко таҳсил гирифтааст. Дар се забон – ӯзбекӣ, англисӣ ва русӣ озодона суҳбат мекунад. Алҳол роҳбарии ширкати бисёрсоҳаеро дар ӯҳда дорад. Дар баробари дастовардҳои назаррас дар бахши соҳибкорӣ тавонистааст ҷойгоҳи хоси худро дар олами мусиқӣ низ пайдо кунад.***




Сурудҳои ин сарояндаи ҷавон бештар бо оҳангҳои замонавӣ, матнҳои пурэҳсос ва иҷрои самимӣ фарқ мекунанд. Ҳамзамон, ӯ бо чанд нафар сарояндагони маъруф ҳамкорӣ намуда, дар филмҳо низ нақш офаридааст. Чанде пеш Шоҳрулло якҷо бо Фаррух Ҳасанов – сарояндаи ҷавону умедбахши Тоҷикистон ва барандаи озмуни байналмилалии телевизионии «Биё, ҳама бо ҳам месароем!» («Ну-ка, все вместе!») суруди «Ватан»-ро бо забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ иҷро карданд. Ин тарона аз ҷониби ҳаводорони мусиқӣ, бахусус, мардуми ду кишвари дӯсту бародар хеле хуш истиқбол гардид. Суруд дӯстӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, пайванди таърихиву фарҳангии ду халқи ҳамтақдиру давлати ҳамсарҳадро васф намуда, метавон гуфт, ки ба яке аз намунаҳои беҳтарини ҳамкории фарҳангии ҳунармандони ду кишвар табдил ёфт.

Зимни суҳбат бо Шоҳрулло дар бораи роҳи эҷодӣ ӯ таъкид кард, ки дар муҳити хонаводааш санъаткорон нестанд. Падараш Саъдулло Убайдуллоев соҳибкор, модараш Камола Убайдуллоева шифокор-пулмонолог аст. Хешовандонаш низ аҳли илму намояндагони тиҷоратанд.

– Аз ҳамин сабаб, интихоби роҳи санъат барои ман осон набуд, – иброз дошт Ш.Абдуллоев. – Волидонам дар аввал фикр мекарданд, ки ин як ҳавас аст. Лекин азми ман қатъӣ буд. Ҳатто ба Академияи санъати драмавии Америко пинҳонӣ ҳуҷҷат супоридам ва танҳо баъд аз дохил шудан ба волидонам гуфтам. Падарам инро шунида, «хай, нағз» гуфтанду халос. Баъдтар диданд, ки азми ҷазм дорам, маро дастгирӣ карданд. Дар ин самт, омили асосие, ки бароям такон бахшид, ин санъат, мусиқии «поп» буд. Аз 14-солагӣ дар пианино машқ карда, аз пайи офаридани оҳанг шудам. Аввалин оҳанги худро соли 2008, ҳангоми будубош дар Туркия эҷод кардам. Дуруст, ки онҳо хеле содда буданд, аммо маҳз ҳамон таҷриба оғози роҳи эҷодиям гардиданд. Аз охири соли 2019 ба саҳнаи мусиқии касбӣ қадам ниҳодам ва тӯли чанд соли охир чанд суруду тарона, аз ҷумла «Падар», «Лола», «Дар куҷоӣ», «Бовар намекунам», «Алвидоъ», «Шаб»-ро пешкаши ҳаводорон кардам.

**– Гуфтед, ки Шумо бо муҳити фарҳангӣ, бахусус, санъати давлатҳои хориҷӣ, сарояндагони бурунмарзӣ ошно ҳастед ва ҳатто тӯли солҳо дар фазои фарҳангии Америко таҳсил намудед. Ҳамчун як сарояндаи ҷаҳондида, барои пешрафти минбаъдаи соҳаи санъат дар мамлакатамон татбиқи чӣ гуна чорабиниҳоро муҳим мешуморед?**

– Боиси эътироф аст, ки солҳои охир дар кишвари мо ҷиҳати рушди соҳаи маданият ислоҳоти густурда амалӣ мегардад. Натиҷаҳо низ назаррасанд: мактабҳои махсуси санъат таъсис меёбанд, озмуну фестивалҳои фарҳангӣ баргузор мегарданд ва чеҳраҳои нави боистеъдод рӯйи саҳна меоянд. Дар баробари ин пешрафтҳо, ҳанӯз омилҳое ҳастанд, ки рушди соҳаро дар ҳадде маҳдуд месозанд. Яке аз онҳо сензура аст. Ба назари ман, санъат бояд озод нафас кашад. Вақте барои андеша, сабк ва эҷод чорчӯба гузошта мешавад, имкони зуҳури истеъдоди воқеӣ кам мегардад. Сензура на танҳо ҷасорати эҷодиро кам менамояд, балки рангорангии фарҳангиро низ аз байн мебарад.

Дуюм – ҳифзи ҳуқуқи муаллиф. Мутаассифона, ин низом дар ҷомеаи мо ҳанӯз хуб ташаккул наёфтааст ва назорат дар ин самт хеле суст. Имрӯз аксарият тавассути интернет сурудҳоро ройгон дастрас мекунанд. Вақте маҳсулоти эҷодӣ бидуни ҳифзи ҳуқуқ паҳн мешавад, ҳунарманд имкони рушди мустақилро аз даст медиҳад.

Ин аст, ки имрӯз аксар санъаткорон ба тӯйҳо вобаста шудаанд. Чунки барои онҳо тӯй ягона манбаи даромад шудааст. Вақте даромад нест, имкони эҷод ҳам кам мешавад. Ва вақте эҷод заиф гардад, санъат низ наметавонад ба сатҳи баланд рушд кунад. Агар мо воқеан пешрафти фарҳангро хоҳем, бояд на танҳо истеъдодро кашф кунем, балки барои ҳифзи ҳуқуқ ва озодии эҷод низ заминаи воқеӣ фароҳам оварем.

**– Акнун меоем ба сари масъалае, ки боиси мулоқоти имрӯзаи мо гардид. Яъне мехоҳем дар бораи ҳамкориҳои худ бо сарояндаи тоҷик Фаррух Ҳасанов, таърихи офаридани суруди «Ватан» маълумот диҳед...**

– Тиҷорати мо асосан дорусозӣ аст. Дар ин самт бо як қатор кишварҳои хориҷӣ ҳамкорӣ дорем, аз ҷумла бо соҳибкорони Тоҷикистон. Соли гузашта зимни суҳбате бо онҳо аз пирӯзии Фаррух дар мавсими 5-уми ҷашнии озмуни «Ну-ка, все вместе!»-и шабакаи телевизионии «Россия-1», ки ман онро доимо пайгирӣ мекунам, ёдовар шудам. Гуфтам, ки қариб ҳар баромадашро тамошо кардам. Санъати самимӣ, овози ҷаззоб ва эҳсоси зинда дорад. Гуфтанд, ки ӯро хуб мешиносанд ва ба воситаи онҳо мо шинос шудем. Аз ҳамон рӯз фикри офаридани як суруди муштарак пайдо шуд. Мо чанд намунаи матну оҳангро ба ҳамдигар фиристодем. Мақсади мо офаридани як суруди лирикии шӯху ҷаззобу рақсӣ буд. Аз байн чанд моҳ гузашт. Охирҳои соли гузашта буд, ки ногаҳон ғояи эҷоди суруде дар бораи «Ватан» ба зеҳнам омад. Ин интихоби тасодуфӣ набуд. Зеро, Ватан барои ҳар як инсон саҷдагоҳи муқаддас аст. Ватанро мо дар меҳри модар, навозиши падар, бӯйи нони гарм, дар рангу нақши гулдӯзӣ ва ҳатто дар ҳар гулу гиёҳи сарзамин эҳсос мекунем. Ман намунаи аввалини оҳангро сабт карда, ба ӯ фиристодам. Ӯ онро хеле хуш пазируфт. Баъдан ду маротиба ба Тошканд омад. Мо якҷо рӯйи ҳар мисраъ ва ҳар нота кор кардем ва онро ба шакли комил овардем. Ният доштем, ки сурудро дар арафаи ҷашни Наврӯз пешкаши мухлисон кунем. Аммо дар ин байн директори Фаррух – Луся пешниҳод кард, ки барои нашри суруд андаке сабр намоем. Маълум шуд, ки Вазорати фарҳанги Тоҷикистон таронаи «Ватан»-ро барои барномаи консертии «Шоми дӯстӣ» интихоб кардааст. Ин хабар бароям воқеан ғайричашмдошт буд. Аз ин бисёр шод шудам. Чунки баромад дар назди президентҳои ду мамлакат бахт ва муваффақияти бузург аст. Мо бо мамнуният розӣ шудем. Дар шаби консерт сурудро бо кафкӯбиҳои давомдор истиқбол намуданд. Аммо таъсири воқеии он баъдтар, дар шабакаҳои иҷтимоӣ бештар эҳсос гардид. Дар як фосилаи кӯтоҳ қариб сесад ҳазор нафар аз гӯшаву канори ҷаҳон онро тамошо карданд ва ҳазорон нафар бо эҳсосу муҳаббат шарҳу назар навиштанд. Ин ҳама бори дигар собит кард, ки санъат сарҳад надорад. Суруд метавонад мисли сафири сулҳу дӯстӣ мардумро ба ҳам оварад, дилҳоро пайвандад ва эҳсоси ягонагиву муҳаббатро дар миёни миллатҳо зинда нигоҳ дорад.

**– Оё шумо ният доред, ки сурудҳои тоҷикӣ низ эҷод кунед?**

– Чанд сол пеш суруди русие бо номи «Падар» навишта, оҳанг бастам. Дертар гунаи ӯзбекии онро ҳам сурудам. Мухлисон нағз қабул карданд. Алҳол матни тоҷикии ин суруд омода аст. Мехоҳам онро пешкаши ҳаводорон намоям. Инчунин, иҷрои таронаҳои нави тоҷикӣ ҳам дар нақша аст.

**– Шуморо метавонем соҳибкор ва санъаткори комёб бигӯем. Ба назари Шумо, омилҳои асосии ба муваффақият расидани инсон кадомҳоянд?**

– Пеш аз ҳама, бояд инсон буд. Зеро мо дар ҳама гуна ҳолат ва дар ҳар самт бо одамон сарукор дорем. Бинобар ин, агар одамияти мо суст бошад, истеъдоду тавоноии бузург ҳам наметавонад ба мо обрӯ ва эҳтиром оварад. Дуюм, ҳамеша дар назди худ мақсадҳои бузургро бояд гузошт ва дар роҳи расидан ба онҳо набояд ба сухан ва мулоҳизаҳои атрофиён бисёр диққат кард. Зеро ҳамеша касоне пайдо мешаванд, ки ноумед кунанд. Муҳим он аст, ки мақсади амиқ, нақшаи пухта ва иродаи устувор дошта бошем. Сеюм, машғул шудан ба муҳокима ва айбҷӯии дигарон инсонро аз пешрафт дур мекунад. Касе, ки вақташро барои баррасии зиндагии дигарон сарф мекунад, барои сохтани зиндагии худ фурсат намеёбад. Чорум, зимни иҷрои кор диққати худро танҳо ба як амал ё масъала равона кардан муҳим аст. Инсон наметавонад дар як вақт чанд корро бо сифати баланд анҷом диҳад. Аз ин рӯ, як корро ба анҷом нарасонда, набояд аз пайи кори дигар шуд. Ва ниҳоят, ростгӯиву ростқавлӣ пояи ҳама гуна комёбист. Новобаста аз он ки инсон дар тиҷорат аст, дар санъат ё дар ҳар соҳаи дигар, маҳз ростӣ ба ӯ эътимод, обрӯ ва ҳамкорони самимӣ меорад.

**– Орзуҳои шумо дар ҷодаи санъат?**

– Мехоҳам сурудҳое эҷод кунам, ки дар дилу дидаи мардум ҷой гиранд. Сурудҳое, ки инсон онҳоро бо меҳру самимият бишнавад, бо онҳо бихандад, андеша кунад ва ҳатто ашк резад. Мехоҳам оҳангҳоям дар атрофи фаввораҳои шаҳр, дар кӯчаву хиёбонҳо, дар тантанаҳои бошукӯҳ садо диҳанд.

Боз як орзуи дигарам офаридани нақшҳои ҷолиб ва фаромӯшнопазир дар филмҳост. Мақсад дорам бо меҳнати пайваста ва ҷустуҷӯҳои эҷодӣ ба сатҳи баланди ҳунари синамо расам ва соҳиби ҷоизаҳои бонуфузи байналмилалӣ гардам.

Мусоҳиб
**Фаридуни ФАРҲОДЗОД,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

*Футбол*

# ҶАВОНОНИ НОМБАРДОРАМОН БА ИН ҚОДИРАНД

***Инак, чемпионати 23-юми ҷаҳон оид ба футбол фардо – 11 июн оғоз меёбад, агарчи расми тантанавии он чанд рӯз баъд ба вуқӯъ мепайвандад. Чемпионати навбатӣ аз чанд ҷиҳат рӯйдоди фавқулоддаи таърихӣ хоҳад буд, зеро дар он чанд омил аст, ки дар онҳо ибораи «бори аввал» ифодаи калидӣ ба шумор меравад, агарчи мафҳуми «бори охир» низ дар ҷараёни талошҳои Ҷоми ҷаҳон кам истифода нахоҳад шуд.***




Бори аввал – хусусан барои мо – дафъаи нахуст роҳ ёфтани дастаи яккачинамон ба ин сабқати бузургтарини миқёси ҷаҳон мояи хушӣ ва шодмонӣ аст. Дар замони аз ба ФИФА пазируфта шудани ҷамъияти футболи Ӯзбекистон чандин насли бозигаронамон ба ин бахти баланд мушарраф нагардиданд ва бояд гуфт, ки футболи мо ҳар дафъа дар остонаи қисми ниҳоӣ қарор мегирифт ва каме омад ва бахти варзишӣ намерасид.

Бояд зикр кард, ки бори аввал дар қисми ниҳоии чемпионат 48 дастаи миллӣ, ки аз байни 211 аъзои ФИФА бурд кардаанд, иштирок мекунанд. Ин нисбат ба чемпионати якум (соли 1930) чаҳор баробар зиёд аст. Ва бори нахуст аст, ки бозиҳои Ҷоми ҷаҳон дар се мамлакат – Канада, Мексика ва ИМА баргузор мегарданд. Қабл аз ин чемпионат дар беш аз ду кишвар (Ҷопон, Ҷумҳурии Корея, с.2002) баргузор нашуда буд. Афзудани ҳам мамлакатҳои мизбон ва ҳам миқдори дастаҳои иштирокдор танҳо ба хотири зиёд кардани теъдод нест. Хеле оммавӣ гардидани «бозии миллионҳо» ва то андозае таносуб пайдо кардани истеъдод ва маҳорати касбии футбол дар қитъаҳои Осиёву Африқо ва ҳавзаи Уқёнусу КОНКАКАФ бо парчамбардорони ин намуди варзиш – Аврупо ва Америкои Ҷанубӣ яке аз омилҳои зиёд намудани иштирокдорон ба шумор меравад. Дар баробари ҳарчи оммавитар гардидани футбол, табиист, ки ҳаводорон ва мухлисони он низ ба маротиб меафзоянд ва теъдоди довталабони баргузоркунанда низ зиёд мегардад. Аз ин боис, барои қонеъ намудани ҳам тақозои мухлисони афзоянда ва ҳам мамлакатҳои мизбон мебоист теъдоди дастаҳо ва ҳам ҷуғрофиёи бозиҳо тавсеа ёбанд.

Бидуни шак, ҳар гуна бозии варзиширо бозигарони саршинос ва бомаҳорат маъруф менамоянд, ки хусусан дар замони дастрасии содаи мо ба ҳар гуна рӯйдоду бозӣ аз тариқи коммуникатсияи пешрафта ин як ҳоли табиӣ аст. Хусусан бист соли охир, ки дар майдонҳои футбол абарситораҳое мисли Лионел Мессӣ ва Криштиано Роналдуи португалӣ набзи футболи ҷаҳонро мушаххас менамоянд, ин бозӣ аз як намуди муқаррарии варзиш ба дӯстдори ҳатто лоқайдтарин қишри ҷамъият бадал гардид. Агарчи ҳарду кайҳо дар Аврупо бозиро бас карда, ба чемпионатҳои аз нигоҳи салиқа ва сатҳи худ поёнтари МЛС-и Америкои Шимолӣ ва суперлигаи Арабистони Саудӣ гузаштаанд, ҳаводоронашон кам нагаштаанд. Фаразан, ба «Интер Майами» гузаштани афсунгари аргентинӣ Лионел Мессӣ, боис гардид, ки варзишгоҳҳои 50-70 ҳазории Америкои Шимолӣ дар бозиҳо бо иштироки ӯ аз мухлисони ашаддиву ҳавохоҳ сарпур мешаванд, ки маҳорати ин чемпиони ҷаҳонро аз наздик тамошо кунанду баҳра баранд. Ва ба эҳтимоли қавӣ, барои Мессии 39-сола ва Роналдуи 40-сола ин охирин чемпионат ба сифати бозигар хоҳад буд.

Дар ҳоле ки алоқамандони бозӣ ҷашни бузурги футболро муштоқанд, дастаҳои нави иштирокдор, мисли Ӯзбекистон, бо қатъият ва ҷиддият ба нахустин чемпионати худ омодагӣ мегиранд. Футболбозонамонро чанде пеш ба Ҷоми ҷаҳон бо орзуву хостҳои пирӯзӣ Президент Шавкат Мирзиёев ва мухлисони сершумор дар варзишгоҳи «Бунёдкор»-и пойтахт хеле бо тантана ва қадрдонӣ гусел карданд. Ситораҳои варзишу санъат ба футболбозонамон илҳоми пирӯзӣ ва рӯҳбаландӣ илқо намуданд. Онҳо дар гурӯҳи худ бо дастаҳои Колумбия (17 июн), Португалия (23 июн) ва Ҷумҳурии Демократии Конго (27 июн) қувваозмоӣ хоҳанд кард. Дар идомаи омодагӣ ба набардҳои асосӣ дастаамон аллакай ду бозии дӯстона ҳам баргузор намуд. Бозии аввалро дар Эдмонтон ба соҳибони майдон – Канада (0:2), машқи дуюмро дар Ню-Йорк бо Нидерландия (1:2) бохтанд.

Умед ва орзуву боварии миллионҳо нафар ҳаводорони футболамон ба бозигарон қувва ва неруи хастанопазир ато хоҳад кард, ки ба ин ҷавонони номбардорамон қодиранд.

**Тоҷибой ИКРОМОВ.**



*Дар вилояти Сирдарё бахшида ба 1-июн – Рӯзи байналхалқии ҳифзи бачаҳо таҳти шиори «Болаларга беринг дунёни!» чорабинии идона ташкил карда шуд. Чорабиниҳои маърифативу фарҳангӣ, ки дар ҳамаи ноҳия ва шаҳрҳои вилоят гузаронда шуданд, ба кӯдакон як олам хурсандии хотирмон бахшиданд. Дар чорабинӣ, ки бо ҳамкории раёсати Агентии миллии ҳифзи иҷтимоӣ дар вилояти Сирдарё ва ҳокимияти вилоят баргузор гардид, 152 нафар ятимон ва бепарасторон, 110 нафар кӯдакони дар таъминоти давлат қароргирифта, инчунин бачаҳои нуқсдор иштирок намуданд.*

***Суратгир: У. ОБИДҶОНОВ. ӮзА.***

*Дар мавзӯи рӯз*

# ФАРОҒАТГОҲҲОИ ТОБИСТОНАИ КӮДАКОН БА МАВСИМ ОМОДААНД

***Баҳри беҳтар кардани шароити мавсими истироҳат ва саломатии кӯдакон дар ҳамаи минтақаҳо истироҳатгоҳҳои тобистона таъсис дода шудаанд. Дар вилояти Намангон оё оромгоҳҳои тобистонаи кӯдакон ба мавсим омодаанд? Ба ин савол аз мутахассисони соҳа ҷавоб пурсидем.***

– Имрӯз дар вилоят 421 ҳазору 119 нафар кӯдаки синни истироҳатӣ, яъне кӯдакони аз 7 то 14 сола зиндагӣ мекунанд. 16 520 нафари онҳо ба оромгоҳҳое, ки дар мактабҳои умумӣ ташкил шудааст ва 6 ҳазору 520 нафарашон ба истироҳатгоҳҳои тобистона фаро гирифта шудаанд, – мегӯяд сармутахассиси шуъбаи вилоятии Раёсати ташкили истироҳат ва саломатии кӯдакон Азизбек Холиқов. – Мувофиқи қарори Кумитаи иҷроияи Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ӯзбекистон аз нав сохтани оромгоҳи кӯдаконаи «Офтобча» дар ноҳияи Поп ба нақша гирифта шудааст.

Дар 9 оромгоҳи назди раёсат бо кӯмаки фонд ва ҳокимияти ноҳияҳо бо суръати баланд барои ташкили истироҳати шавқовари кӯдакон омодагӣ идома дорад. То имрӯз оромгоҳҳо ба маблағи 1 млрд. 113 млн. 963 ҳазор сӯм таъмир карда шуд.

Аз ҷумла, дар оромгоҳҳои «Меҳргон» ва «Оби ҳаёт»-и ноҳияи Чуст, ки барои 270 нафар пешбинӣ шудааст, дар чор басти мавсим 1080 нафар кӯдакон истироҳат мекунанд. Дар маскан дарахтони ороишӣ ва меванок шинонда шудааст. Дар хобгоҳ ва ошхона, майдончаи варзишӣ ва даромадгоҳи оромгоҳ корҳои рангубор ва таъмир идома доранд.

Дар оромгоҳи кӯдаконаи «Норин» низ барои 160 ҷой пешбинӣ шудааст. Дар ин ҷо дар мавсим 640 нафар писару духтарон дам мегиранд.

Дар масканҳои «Бинафша»-и ноҳияи Поп ва «Соҳил», ки дар ноҳияи Косонсой ҷойгир шудааст, омодагӣ бо суръати баланд идома дорад. Ғайр аз ин, дар масканҳои кӯдаконаи «Заркент» ва «Нанай», ки дар дурдасттарин минтақаи ноҳияи Янгиқӯрғон ҷойгиранд, омодагӣ ба мавсим ба анҷом расид. Дар ин масканҳо барои ҷойгир кардани 2080 нафар кӯдак бо иқтидори 520 ҷой пешбинӣ шудааст. Барои баргузории чорабиниҳои варзишӣ ва фарҳангӣ тамоми анҷомҳои зарурӣ мавҷуданд.

Бо ҳамкории шуъбаи таълими халқи вилоят 147 нафар омӯзгорони мавсимӣ интихоб шудаанд ва мутахассисон барои онҳо семинар ва тренингҳо гузаронида, сертификатҳо доданд.

Барои пурмазмун ва шавқовар гузаронидани таътил дар оромгоҳҳо ҳар рӯз бахшида ба мавзӯъҳои муайян чорабиниҳо ташкил карда мешаванд. Аз ҷумла, ташкил намудани чорабиниҳои маънавию маърифатӣ дар мавзӯъҳои «Салом, оромгоҳ!», «Фестивали кӯдакон», «Арзишҳои миллӣ», «Дастони моҳир», «Варзиш ва саломатӣ», «Дӯстии халқҳо», «Кӣ бисёр шеър медонад?» ва «Китоб – дӯсти ман» барои баланд бардоштани ҷаҳонбинӣ ва фаъолияти иҷтимоии кӯдакон хизмат мекунад.

Бино ба фармони роҳбари давлат «Дар бораи такмили минбаъдаи низоми дастгирии иҷтимоии оилаҳои камбизоат» аз 8 майи соли 2025, соли равон хароҷоти дамгирӣ ва ҳифзи саломатии 2 ҳазору 730 нафар хонандаи аълохони оилаҳои камтаъмин, аз тарафи давлат пурра пардохта мешавад. Бо ҳамкории ташкилотҳои иттифоқҳои касабаи вилоят, шуъбаҳои тандурустӣ, таълими халқ, корҳои дохилӣ, маданият ва маркази санитарӣ-эпидемиологӣ семинарҳои омӯзишӣ баргузор гардид. Дар семинар роҳбарони оромгоҳҳо, мураббиёни варзиш, омӯзгорони интихобшуда, мутахассисони соҳа иштирок карданд.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Намангон.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-628.
Адади нашр 2058. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757
9 772010 775001

Муҳаррири навбатдор:
Н. Нодирова.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 22.00

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ«.
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.